Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ»

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар сохаи алокаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ» |
| 2. | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Доираи шахсоне, ки амлӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад. | Субъекҳои хоҷагидоре, ки дар соҳаи алоқаи барқи, алоқаи почта ва иттилоотонӣ фаъолият менамоянд. |
| 4. | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Моҳи майи соли 2020 |
| 5. | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳрисити нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2019 ҷойгир карда шудааст. |
| 6. | Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода-намудани лоиҳаи Қоидахои мазкур таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ машварати омавӣ гузаронида, шуда нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷоиибдорӣ гардидааст. |
| 7. | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Барои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор мушкилоти зерин мавҷуд аст:<br>1. Нофаҳмиҳо дар амали намудани ваколатҳо.<br>Мувофики қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2011, №252 «Дар бораи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомномаи Хадамоти мазкур тасдиқ гардида, фаъолиятиро дар сиёсати ягонаи давлатии идора, назорат, танзим ва баамалбарории хизматрасонии соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почтавӣ ва иттилоотониро (минбаъд алоқа ва иттилоотонӣ) таҳия мекунад ва ба амал мебарорад.<br>Азбаски Хадамоти мазкур назорат ва танзим, инчунин таҳияи санадҳои меъёрии ҳукукиро ба амал мебарорад бо мақсади амали намудани ваколатҳои муқаррарнамудаи Низомнома санади меъёрии хукукии |

мазкурро, яъне лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар сохаи алокаи барқӣ, алокаи почта ва иттилоотонӣ» ҷиҳати мутобиқ намудани ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» пешниҳод намудааст.

2. Ҳангоми амали намудани ваколатҳои муқарраршуда «Коидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 30 аз 10 октябри соли 2007 тасдиқ шуда буд, ягон мушкилот дар амли намудани назорат, танзим ва санҷиши субъектони хоҷагидор мавҷуд намуд.

Аммо баъди кабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 № 265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» мақомоти санҷишӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҳагидор уҳдадор гардидаанд, ки қоидаҳои мазкурро ҷиддан дастури амал қарор диҳанд ва талаботҳои онро риоя намоянд. Бо мақсади мутобиқад ба қоидаҳои мазкур Хадамоти алоқаро зарур омад, ки лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ» ба талаботи замон ва мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқ таҳия намуда пешниҳод намояд.

3. Бо мақсади саривақ ва дуруст ба роҳ мондани танзим ва назорат дар фаъолияти субъектонӣ хоҷагидоре, ки дар соҳаи алоқаи барқӣ почта ва иттилоотонӣ фаъолият менамоянд, Хадамоти алоқаро зарурият пеш омад, ки ҳамоҳангсозии нақшаҳои санҷишии Хадамотро бо мақсади роҳ надодан ба такроршавии санҷишҳо, уҳдадориҳои барзиёд ё монеаҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи мазкур дар лоиҳаи «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ» ва дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ нақшаҳои санҷиширо таҳия намуда мутобиқат ва тибқи талаботи қонунгузори будани онро дар санади дохилиидоравии худ нишон диҳад.

Ёдовар бояд шуд, ки минъбад санҷиши мақомоти ваколатдор тавассути санади мазкур ба роҳ монда шуда, духурраги ва нофаҳмиҳоро аз байн бурда дар

| | | |
|---|---|---|
| | | асоси нақшаи ягонаи тасдиқшудаи нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳо аз ҷониби роҳбари Хадамоти алоқа дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ карда шуда, ба роҳ монда мешавад.<br>Қайд бояд кард, ки дар сурати ягон амал андешида нашавад, яъне санади мазкур қабул карда нашавад, Хадамоти алоқа барои гузаронидани санҷиш дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ дур монда барои амали намудани ваколатҳои мувофиқи Низомномаи мукарраршуда аз иҷроиш он дарканор мемонанд. Ҳамзамон назорату танзимии соҳа аз нигоҳи мақомоти давлати беҳбудиро талаб мемонад, зеро «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 30 аз 10 октябри соли 2007 тасдиқ шудааст, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор» ва ба қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 мутобиқат наменамояд, ки барои амалӣ намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи мазкур ваколатдоргардида монеа эҷод менамояд. |
| 8. | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақомоти ваколатдори давлатӣ, яъне Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ буда, сиёсати ягонаи давлатии идора, назорат, танзим ва баамалбарории хизматрасонии соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почтавӣ ва иттилоотониро (минбаъд алоқа ва иттилоотонӣ) таҳия мекунад ва ба амал мебарорад.<br>Бинобар ин, ҷиҳати назорат ва танзими соҳаи алоқа аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳа вобаста ба саривақт пардохт намудани хироҷи иҷозатнома, пардохти андоз доштани иҷозатнома, доштани сертификати мутобиқат, инчунин иҷрои дигар талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо қабули Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ амалӣ карда мешаванд.<br>Мақсад аз дахолати дигари давлат ин тавассути қоидаи мазкур ба танзим даровардани расмиёти ягонаи гузаронидани санҷишҳо дар соҳаи мазкур, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектони хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо муқаррар намуда, ба |

| | | |
|---|---|---|
| | | ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти миллӣ ва ҳимояи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда, новобаста ба шакли моликияташон, равона карда шудааст, дар бар мегирад.<br>Ҳамзамон давлат бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидор, роҳ надодани дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки ба мавзӯи санҷиш вобастагӣ надорад, роҳ надода ба санҷишҳои такрорӣ ва бемаврид, кам кардани ухдадориҳои нисбати субъектони хоҷагидор ва ошкоро ва шаффоф гузаронидани санҷишҳо дар соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ Қоидаҳои мазкурро пешниҳод менамояд.<br>Инчунин лоиҳаи мазкур бо мақсади пешгирии эҳтимолияти расонидани зарар дар натиҷаи фаъолияти субъекти хоҷагидор ба ҳаёт ва (ё) саломатии аҳолӣ, муҳити зист. амнияти ҷомеа ва манфиатҳои молумулкӣ, инчунин нисбат ба ташкилотҳо ва операторонӣ алоқаи почта бо назардошти хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм, равона карда шудааст. |
| 9. | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбини намудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ухдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 30 аз 10 октябри соли 2007 тасдиқ шуда буд.<br>Лекин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 № 265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» вобаста ба талаботи қарори мазкур ва талаботи замон таҳия ва барои қабул омода карда шудааст.<br>Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаҳои мазкурро талаботҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи алоқаи баркӣ», «Дар бораи алоқаи почта», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии |

Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 № 265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 апрели соли 2007 № 172 тасдиқ шудааст, Низомнома «Дар бораи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 майи соли 2011 №252 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда.

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ (минбаъд-Қоидаҳо) тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидорро аз ҷониби мақоми ваколатдорӣ давлатӣ дар соҳаи алоқа мутобиқи талабот дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ муайян карда, ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи саломатии шаҳрвандон, амнияти молу мулк, ҳифзи муҳити зист ва амнияти ҷомеа равона гардидаанд.

Дар лоиҳаи пешниҳодшуда чунин чораҳои пешбинӣ шудаанд:

1. Санҷишҳо танҳо мувофиқи фармоиши Мақомоти ваколатдор гузаронида мешаванд.
2. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ташкил карда мешаванд.
3. Аз натиҷаи қонунвайронкуниҳо протоколҳо тартиб дода мешавад.
4. Маълумот оид ба санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшав дар сомонаи расмии Мақомоти ваколатдор аз ҷумла, дар воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъекти хоҷагидори соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотнӣ ҷойгир карда мешаванд.
5. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ дар давоми даврае амалӣ мегардад, ки дар Фармоиш ва огоҳиномаи оид ба гузаронидани санҷиш нишон дода шудааст.
6. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор қатъиян тибқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ нисбати мавзӯи санҷиши нақшавӣ истифодашаванда гузаронида мешавад.
7. Баромадан аз доираи номгӯи масъалаҳои назоратӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши нақшавӣ манъ мегардад.
8. Пеш аз гузаронидани санҷиш ва баъди гузаронидани он аз ҷониби мақоми ваколатдор

| | | |
|---|---|---|
| | | машваратҳо ва тавсияҳо дода мешавад.<br>9. Машғулиятҳои омӯзиши гузаронида мешавад.<br>10. Номгӯи масъалаҳои назорати муайян карда мешаванд, ки аз руи онҳо дар соҳа санҷиш гузаронида мешаванд.<br>Соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, субъектони хоҷагидори дар ин самт фаъолияткунандаро Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ уҳдадориҳои зеринро пешбинӣ мекунад:<br>1. Ба мақомоти ваколатдор барои санҷиш маълумоти заруриро дар асоси дархост пешниҳод намоянд.<br>2. Ба мақомоти санҷишгар тамоми хизматрасониҳои алоқаи баркӣ, алоқаи почта, ва иттилоотонӣ, ҷумла интернет, телеграф ва қабули ирсолпулиҳо, маблағҳои муросилоти почта, (мактубҳо, бастаҳо, равонакҳо), обуна ва рӯзномаю маҷалаҳо шинос намояд.<br>3. Барои азназаргузаронии санҷишҳо биноҳо, таҷҳизот ва дигар лавозимотҳои ба мавзӯи санҷишбударо таъмин намояд.<br>4. Иштироки субъекти хоҷагидор ё намояндаи ваколатдори он дар объекти гузаронидани санҷиш дар вақти барои оғози санҷиш таъиншуда ҳатми мебошад.<br>Қабули санади мазкур нисбати субъектони хоҷагидорро ягон маҳдудиятҳоро пешбини накарда, баръакс субъекти хоҷагидор метавонад нисбати амал (беамалӣ) ва қарорҳои дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулкардаи шахсони мансабдори Мақомоти ваколатдор тариқи судӣ, ё бо тартиби дигари пешбининамудаи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд, пешбини намудааст.<br>Қабули лоиҳаи Қоидаҳои мазкур барои мақомоти ваколатдори соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилотонӣ ҳангоми гузаронидани санҷиш зарури арзёби мегардад. Зеро назорату танзимии соҳа аз нигоҳи мақомоти давлати беҳбудиро талаб мемонад, зеро «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 30 аз 10 октябри соли 2007 тасдиқ шудааст, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор» ва ба қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли |

| | | |
|---|---|---|
| | | 2017, №265 мутобиқат наменамояд, ки барои амали намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи мазкур ваколатдоргардида монеа эҷод менамояд. Аз ин ру, таҳия ва барои қабул пешниҳод намудани лоиҳаи мазкур ба мақсад мувофиқ мешуморем. |
| 10. | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни тахияи санади меъёрии ҳуқуқӣ); | Лоиҳа дар маҷмуъ баҳри танзим намудани соҳа, мукаммал намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидани фазои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ бидуни таҳияи лоиҳаи мазкур имконнопазир мебошад.<br>Инчунин қабули Қоидаҳо баҳри иҷрои талаботҳои санадҳои дахлдори соҳа ва дар сатҳи баланд амалӣ намудани санҷиши субъектони хоҷагидоре ки дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ фаъолият менамояд, роҳандози гардидааст. Ҳарчанд дар соҳаи мазкур «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 30 аз 10 октябри соли 2007 тасдиқ шудааст, амал намояд ҳам, лекин барои дар амал татбиқ намудан ва мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор» ва ба қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 он тақозои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.<br>Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми санҷиш гузаронидан, Фармоиши мазкур ба талаботи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон мутобиқат наменамоя ва нисбати субъектони хоҷагидор нофаҳмиҳоро ба миён меорад.<br>Ҳарчанд аз ҷониби мақомоти ваколатдор корҳои фаҳмондадиҳи гузаронида шуда бошад ҳам, лекин заминаи меъёрии ҳуқуқии гузаронидани санҷиш дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ мавҷуд нест.<br>Бинобар ин роҳи ягонаи ҳалли мушкилоти баррасишуда бидуни таҳияи санаи меъёрии ҳуқуқӣ қабули Қоидаи зикргардида баҳисоб меравад. |
| 11. | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи | Қабули лоиҳаи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ аз буҷети давлат хароҷоти иловагиро талаб наменамояд.<br>Лекин ҳангоми қабули лоиҳаи мазкур чунин хароҷотҳо пешбини карда мешавад:<br>1. Хароҷотҳои қабули Фармоиши барои санҷиши |

| | | |
|---|---|---|
| | дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | субъектони хоҷагидор дар соҳаи мазкур (хароҷотҳои меҳнатӣ, хароҷотҳои маводҳо(маводҳои конселярӣ))<br>2.Хароҷотҳои ташкили сафари хизматӣ барои гузаронидани санҷиш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҷумла, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №38 «Дастурамал дар бораи тартиби пардохти харойоти сафаріои хизматии хизматчиёни давлатҳ, кормандони ташкилоту муассисаіои давлатҳ ба кишваріои хориӣҳ, инчунин дар дохили йуміурии тоӣикистон» пардохта карда мешаванд.<br>3. Хароҷотҳои барои нигохдории миқдор ва сифати ҳуҷҷатҳо, намунаҳои барои омӯзиш ва дигар маводи муваққатан гирифташуда.<br>4. Хароҷотҳо барои ташкили дафтари бақайдгирӣ.<br>5. Хароҷотҳои дастраси маводҳо ва ҷойгир намудани он дар сомонаи Интернетӣ<br>6. Хароҷоти ҳамаи ҳуҷҷатҳои санҷиши, аз ҷумла санаи санҷиш дар ду нусха тартиб дода мешавад ва ба субъектони хоҷагидор пешниҳод мегардад.<br>7. Хароҷоти гузаронидани машғулиятҳои омузишӣ.<br>8. Хароҷоти ҷалби коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ) тибқи шартнома.<br>Даромадҳои буҷети давлатӣ ҳангоми қабули лоиҳаи мазкур:<br>1. Саривақт пардохтани андозҳо аз ҷониби субъектони хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ.<br>2. Пардохти саривақтии ҳаққи хироҷи иҷозатнома.<br>3. Доштани сертификати мутобиқат.<br>4. Риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Дар баробари ин, нисбати субъектони соҳибкорӣ хароҷотҳои зеринро пешбинӣ менамояд:<br>1. Хароҷоти ба мақомоти ваколатдор барои санҷиш маълумоти заруриро дар асоси дархост пешниҳод намоянд.<br>2. Хароҷотҳои меҳнатӣ.<br>3. Хароҷоти ба мақомоти санҷишгар тамоми хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, алоқаи почта, ва иттилоотонӣ, ҷумла интернет, телеграф ва қабули ирсолпулиҳо, маблағҳои муросилоти почта, (мактубҳо, бастаҳо, равонакҳо), обуна ва рӯзномаю маҷалаҳо шинос намояд.<br>4. Иштироки субъекти хоҷагидор ё намояндаи ваколатдори он дар объекти гузаронидани санҷиш дар |

| | | |
|---|---|---|
| | | вақти барои оғози санҷиш таъиншуда ҳатми мебошад.<br>5. Хароҷоти истифодаи маводҳои конселярӣ<br>Даромадҳои субъектони хоҷагидор:<br>1. Сарфаи вақт ва меҳнати иловагӣ аз санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ.<br>2. Маълумот оид ба санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ пайдо менамояд. тавассути сомонаи расмии Мақомоти ваколатдор аз ҷумла, дар воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъекти хоҷагидори соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотнӣ ҷойгир карда мешаванд.<br>3. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ дар давоми даврае амалӣ мегардад, ки дар Фармоиш ва огоҳиномаи оид ба гузаронидани санҷиш нишон дода шудааст. Берун аз доираи он манъ мегардад.<br>4. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор қатъиян тибқи номгуи масъалаҳои назоратӣ нисбати мавзуи санҷиши нақшавӣ истифодашаванда гузаронида мешавад. Берон аз доираи он манъ карда мешавад.<br>5. Пеш аз гузаронидани санҷиш ва баъди гузаронидани он аз ҷониби мақоми ваколатдор ройгон машваратҳо ва тавсияҳо дода мешавад.<br>6. Ройгон машгулиятҳои омӯзиши гузаронида мешавад.<br>7. Номгӯи масъалаҳои назорати муайян карда мешаванд, ки аз руи онҳо дар соҳа санҷиш гузаронида мешаванд, ки барои субъектони соҳибкорӣ дар соҳаи мазкур ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта корҳои лозима ба анҷом расонида мешаванд.<br>Аҳамияти иҷтимоии қабули лоиҳаи мазкур ҳам барои давлат ва ҳам барои соҳибкорон аз манфиат холӣ нест. Зеро, аз як тараф давлат барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи саломатии шаҳрвандон, амнияти молу мулк, ҳифзи муҳити зист ва амнияти ҷомеа инчунин барои ташкили ҷойҳои корӣ коҳиш додани ҳуқуқвайронкуниҳо, муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблаггузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва дигар ҷинояткорӣ мубориза мебарад. Барои субъектони хоҷагидор оиди пешаки огоҳ намудан, муайян будани мавзӯҳои санҷишаванда, доираи амали санҷиш, машваратҳо ва фаҳмондадиҳиҳо барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро ҷомеа, аз ҷумла соҳибкороне, ки дар соҳаи и вобаста ба соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ кору фаъолият менамоянд, пешаки огаҳи ёфта, барои |

| | | |
|---|---|---|
| | |ислоҳи камбудиҳо пеш аз санҷишҳо чораҳо меандешанд.<br>Бояд кайд кард, ки роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот мавҷуд набуда, роҳи пешниҳодшудаи танзимкунӣ барои назорати пурраи пардохти хироҷи иҷозатномаҳо, саривакт супоридани андозҳо ва аз ин ҳисоб ворид шудани даромад ба буҷети давлатӣ афзоиш меёбад. |
| 12. | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Қабули Қоидаҳои зикршуда барои танзиму назорати соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ мусоидат менамояд. Зеро баъди қабули он дар давраи се моҳ дар мувофиқа бо мақоми Шурои ҳамоҳангсоз санҷишҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ ташкил карда шуда, барои гузаронидани санҷиши субъектони хоҷагидор санадҳо таҳия карда мешаванд.<br>Дар давоми се моҳ агар тибқи таҳлил даромадҳо барои соли 2018 ва 2019 тибқи ҷадвал чунин даромадҳо сурат гирифта бошад, ин нишондод адр се моҳи севвуми соли 2020 ба 100, иҷроиши даромад аз ҳисоби соҳаи алоқаи барқӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ ба низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. (see table below) |
| 13. | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Моҳи июли соли 2020 |

| Даромадҳо: | Нишондиҳандаҳои соли 2019 | | Тамоюл нисбати соли 2018 % |
|---|---|---|---|
| | соли 2019 млн.сомонӣ | соли 2018 млн.сомонӣ | |
| Даромади умумӣ: | 2613,44 | 2613,1 | 100,0 |
| Аз ҷумла:<br>ҶСК «Тоҷиктелеком» | 176,96 | 196,8 | 89,9 |
| КВД «ПочтаиТоҷик» | 8,65 | 8,3 | 104,2 |
| КВД «ММЭМР» | 8,60 | 8,4 | 102,4 |
| Дигаркорхонаи соха | 3,20 | 2,6 | 123,1 |
| Операторҳовапровайдерҳо. | 2416,03 | 2397,0 | 100,8 |
| Ҳаҷмихизматрасонӣ ба аҳолӣ: | 1964,02 | 1933,22 | 101,6 |
| - Операторҳоимиллӣ | 19,41 | 14,2 | 163,7 |
| -Операторҳовапровайдерҳо | 1944,59 | 1919,1 | 101,3 |
| -дигаркорхонаисоҳа. | 0,02 | 0,02 | 100,0 |

Сардори Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бег Сабур